**ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ СОҲИБКОРӢ ВА ХИЗМАТ**

**КАФЕДРАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ВА МАҲАЛЛӢ**

# ДАСТУРИ МЕТОДӢ

**оид ба иҷрои рисолаи тахассусии хатми бакалавр барои донишҷӯёни курси 4 ихтисоси 26010101 - «Идоракунии мақомоти маҳаллӣ»**

**ДУШАНБЕ 2013**

***Бо қарори Шӯрои илмӣ-методии Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат ба чоп тавсия гардидааст.***

**Мураттибон:** *н.и.и., дотсент Мирҷалолова М.Ҷ*
*н.и.и., и.в. дотсент Ҷумаев У.М.*
.

**Муқарризон:** *д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.*
*н.и.и., дотсент Раҳимов Ҷ.О.*

**Муҳаррир:** *н.и.и., и.в., дотсент Ҷабборов Ф.А.*

**Дастури методӣ оид ба иҷрои рисолаи тахассусии хатми бакалавр барои донишҷӯёни курси 4 ихтисоси 26010101 - «Идоракунии мақомоти маҳаллӣ».** ⇨Матн⇨ / мурат. Ҷумаев У.М., Мирҷалолова М.Ҷ. – Душанбе: Нашриёти «Соҳибкор», 2013 – 20 саҳ.

*Дастури методии мазкур барои донишҷӯёни курси 4 ихтисоси 26010101 – «Идоракунии мақомоти маҳаллӣ» таълиф гардида, тарзи навиштани рисолаи тахассусии хатми бакалавр, талаботи асосӣ нисбат ба он, омодагӣ ба дифои рисолаи тахассусии хатмро дар бар мегирад.*

*Дастури методӣ дар асоси стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомнома дар бораи рисолаҳои тахассусии хатм, ки бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.11.2011, №21/16 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.*

© Ҷумаев У.М., Мирҷалолова М.Ҷ. 2013
© Нашриёти «Соҳибкор», 2013

# ДАСТУРИ МЕТОДӢ
## оид ба иҷрои рисолаи тахассусии хатми бакалавр


Пешгуфтор…………………………..………………… *4*

1.1. Маълумоти умумӣ оид ба рисолаи тахассусии хатми бакалавр……………………………………… *4*

1.2. Талабот ба мундариҷаи рисолаи тахассусии хатми бакалавр……………………………………… *6*

1.3. Тартиби навиштани тавзеҳот (қисми асосӣ)…….. *10*

1.4. Омодагӣ ба ҳимояи рисолаи тахассусии хатми бакалавр………..………………………..…………. *12*

1.5. Ташкили ҳимояи рисолаи тахассусии хатм……….. *12*

1.6. Мазмун ва мундариҷаи маърӯза………..………….. *13*

# ПЕШГУФТОР

Имрӯз мо дар марҳилае умр ба сар мебарем, ки ислоҳот ва навгонӣ тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз ҷумла соҳаи маорифро фаро гирифтааст. Раванди воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ моро водор месозад, ки таҳсилоти олии касбиро ба зинаҳо: бакалавриат зинаи аввали (заминавии) таҳсилоти олии касбӣ, магистратура – зинаи дуввуми таҳсилоти олии касбӣ ва докторантура – зинаи болоии таҳсилоти олии касбӣ ҷудо намоем.

Барои ташкили самараноки ҷараёни таълим дар зинаи бакалавриат нақшаҳои таълимии нав мураттаб гардида истодаанд. Азбаски, ҳаҷми соатҳои таълимӣ, шумораи фанҳои таълимӣ, муҳлати таҳсил тағйир ёфтанд, талабот ба рисолаи тахассусии хатми бакалавр низ дар муқоиса бо рисолаи дипломии мутахассисон дигаргуниро тақозо менамояд.

Бо ин мақсад, дастури методиеро, ки Шумо дар даст доред, дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳон ва дар асоси дастуруламалу низомномаҳои муосири ватанӣ таҳия гардида, роҳнамои методие дар самти иҷрои рисолаи тахассусии хатми шигордон мебошад.

Дастури методии мазкур тарзи навиштани рисолаи тахассусии хатми бакалавр, талаботи асосӣ нисбат ба таҳияи рисола, омодагӣ ва ташкили дифои рисолаи хатмкунии бакалавриро дар бар мегирад. Дар дастури мазкур аҳамияти ҷиддӣ ба тавсияҳо оид ба мундариҷаи ҳар як фасли рисола оварда шудааст.

Умед дорем, ки дастури методии мазкур баҳри бомуваффақият таҳия ва ҳимоя намудани рисолаи тахассусии хатми бакалаври шогирдон мусоидат менамояд.

## 1.1. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ОИД БА РИСОЛАИ ТАХАССУСИИ ХАТМИ БАКАЛАВР

Дастури методӣ ба таври мушаххас фарогири талаботи асосӣ оид ба иҷроиш, таҳия ва ҳимояи рисолаҳои тахассусии хатм мебошад. Дастури методӣ дар асоси Низомнома дар бораи рисолаҳои тахассусии хатм, ки бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.11.2011, №21/16 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Рисолаи тахассусии хатм барои донишҷӯёни ихтисоси 26010101 - «Идоракунии мақомоти маҳаллӣ» дар интиҳои семестри хотимавӣ ҳимоя карда мешавад. Баъд аз бомуваффақият ҳимоя кардани рисола донишҷӯ сазовори унвони бакалаври ихтисоси «Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ», тахасуси «Иқтисодчӣ-менеҷер» мегардад ва ба ӯ дипломи бакалавр супорида мешавад.

Рисолаи тахассусии хатм барои соҳиб гаштан ба дараҷаи бакалавр, аз донишҷӯ малакаву маҳорати заруриро оид ба таҳлили муаммоҳои муҳими илмӣ, ҳалли мақсад ва вазифаҳои мушаххас тақозо менамояд.

Иҷроиши рисолаи тахассусии хатми бакалавр бояд ба нақшаи таълимии ихтисос ва талаботи тайёр кардани мутахассисони ин тахасус ҷавобгӯ бошад ва тибқи реҷаи таълимӣ иҷро карда шавад.

Номгӯи мавзӯъҳои рисолаи тахассусии хатм бояд чунин таҳия гардад, ки дар раванди иҷроиш ва ҳимояи онҳо, донишҷӯ барои сазовор гардидан ба дараҷаи бакалавр малакаҳои худро, ки дар ҷараёни таълими назариявии фанҳои тахассусӣ, асосӣ ва интихобӣ аз бар намудааст, барои таҳлили ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода намуда, хулосаҳои илман асосноки худро пешниҳод карда тавонад.

Номгӯи мавзӯъҳои рисолаи тахассусии хатм вобаста ба хуҷҷатҳои меъёрии зерин бояд таҳия карда шавад:

-  Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии ихтисоси 26010101 - «Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ»;
-  Нақшаи таълимӣ барои зинаи аввали таҳсилоти олии касбии бакалавриат, ихтисоси 26010101 «Идоракунии мақомоти маҳаллӣ»;
-  Барномаҳои таълимии фанҳои тахассусӣ;

Азбаски рисолаи тахассусии хатм дорои хусусияти тахассусӣ ва аттестатсионӣ мебошад, бинобар ин мавзӯи рисола бояд:

- масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакатро дар бар гирад;
- аз тарафи донишҷӯ мустақилона иҷро карда шавад;
- тадқиқоти амиқи илмӣ дошта бошад.

Мавзӯи рисолаи тахассусии хатм бояд омӯзиши муфассали вазифаи гузошташударо таъмин намояд:

- таҳлили мазмуни мафҳумҳои асосии иқтисодӣ, идоракунӣ, идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ, идоракунии иқтисодиёти минтақа, стратегияи идоракунӣ;
- истифодаи низомҳои электронӣ, таҳияи барномаҳо дар самти идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ, истифодаи усулҳои моделсозии математикӣ-иқтисодӣ дар таҳияи нақшаҳои стратегии давлатӣ ва маҳаллӣ, рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа, раванди истифодаи сарватҳои моддӣ ва маънавии кишвар ва ғайраҳо.

Дар ҷараёни навиштани рисолаи тахассусии хатм донишҷӯён малакаи иҷроиши кори илмӣ-тадқиқотиро мустаҳкам менамоянд. Дар ин ҷода ба масъалаҳои ҷамъоварӣ ва таҳлили маводи илмӣ, (монографияҳо, маҷмӯаи мақолаҳо, матбуоти даврии илмӣ, маводҳои конфронсҳо ва ғайра) ва маводи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ бояд аҳамияти хоса дода шавад. Донишҷӯ бояд дар китобхонаи илмӣ зиёд кор кунад ва ба ҳадди имкон аз маводи шабакаи Интернет истифода намояд.

Мавзӯи рисолаи тахассусии хатм бояд хусусияти хоси самти ихтисос ва тахассуси интихобгардида ё самти илмӣ ва тамоюли амалии онро ошкор созад, аз ҷумла: «Стратегия ва роҳҳои банақшагирии рушди иқтисоди минтақавӣ», «Масъалаҳои рушди худидоракунии маҳаллӣ дар ҶТ» ва ғайраҳо.

Рисолаи тахассусии хатм бояд дорои сатҳи баланди илмӣ буда, чунин таҳия гардад, ки дар ҳангоми ҳимояи он аъзоёни Комиссияи аттестатсионии давлатӣ оид ба додани дараҷаи бакалавр ва пешниҳоди тавсия барои давом додани таҳсил дар зинаи магистратура қарор қабул карда тавонанд.

## 1.2. ТАЛАБОТ БА МУНДАРИҶАИ РИСОЛАИ ТАХАССУСИИ ХАТМИ БАКАЛАВР

Дар стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ оварда шудаст: «Донишҷӯ хуқуқ дорад, ки мавзӯи рисолаи тахассусии хатми бакалавриро интихоб намояд, ҳамчунин имконият дорад, ки мавзӯи мустақилонаи худро бо асосноккунии мақсад ва зарурати иҷроиши он пешниҳод намояд».

Пас аз интихоби мавзӯи рисолаи тахассусии хатм донишҷӯ ба унвони мудири кафедраи пешбар барои ба ӯ вобаста намудани мавзӯи таҳқиқот ва таъин намудани роҳбари илмӣ ариза дар шакле, ки муассисаи таълимӣ тасдиқ намудааст, менависад.

Ариза дар маҷлиси кафедраи пешбар мавриди баррасӣ қарор гирифта, қарор дар бораи вобаста намудани мавзӯи рисолаи тахассусии хатм ва таъин намудани роҳбари илмӣ ба Шӯрои олимони факултет пешниҳод карда мешавад. Дар асоси қарори Шӯрои олимон лоиҳаи фармони ректор дар бораи тасдиқи мавзӯъҳо ва таъини роҳбарони илмӣ таҳия ва тасдиқ мегардад.

Ҳамагуна тағйирот ба мавзӯъ ва роҳбарӣ намудан ба рисолаи тахассусии хатм бо фармони ректор дар асоси қарори кафедраи пешбар ва пешниҳоди декани факултет сурат мегирад.

Таҳияи рисолаи тахассусии хатм дар соли охири таҳсил ба нақша гирифта мешавад.

Дар раванди тайёр кардани рисолаи тахассусии хатм ба ҳар як донишҷӯ роҳбари илмӣ ва машваратчиёни илмӣ таъин карда мешаванд.

Тибқи нақшаи инфиродӣ ва мӯҳлатҳои дар он муқараргардида, донишҷӯ оид ба рафти иҷрои кор дар назди роҳбари илмӣ ҳисобот медиҳад.

Донишҷӯ бояд маърӯзаи илмиро ба имтиҳони давлатии аттестатсионӣ тайёр намояд, ки он мақсади асосии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳо, ки аз тарафи муаллиф пешниҳод мешаванд, дар бар мегирад. Маълумоти мазкур бояд ягонагӣ ва пайдарҳамии тадқиқи мавзӯъро нишон дода, оид ба қобилияти муаллиф нисбат ба истифодаи дониши назариявӣ ва малакаҳои касбӣ ҳангоми ҳалли ҷанбаҳои амалии рисолаи тахассусии хатм шаҳодат диҳад.

Рисолаи тахассусии хатм бояд фаслҳои зеринро дар бар гирад: мундариҷа, асосноккунии интихоби мавзӯъ; муҳимияти мақсади гузошташуда; шарҳи адабиёти илмӣ аз рӯи мавзӯъ; асосноккунии роҳҳои ҳалли вазифаҳои гузошташуда; баён ва таҳлили натиҷаҳо, пешниҳодот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо.

Дар рисолаи тахассусии хатм донишҷӯ бояд мухтасар ва бо истифодаи далелҳои гуногун мақсад ва натиҷаҳои мавзӯи корро нишон диҳад.

Таҳияи таркиби рисолаи тахассусии хатм бояд ба қоидаҳои қабулшудаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мувофиқат намояд.

Тавре болотар қайд намудем, рисолаи тахассусии хатм бояд чунин сохтор дошта бошад:

- Варақаи унвон бо мавзӯи рисола.

- Мундарича
- Асосноккунии интихоби мавзӯъ;
- Сарсухан;
- Ду - чаҳор боб бо баёни натиҷаҳои асосии кор;
- Хулоса;
- Рӯйхати адабиёти истифодашуда;
- Замимаҳо

Ҳаҷми умумии рисолаи тахассусии хатми бакалавр (бо замимаҳо) бояд то 40-50 саҳифа бошад.

**Варақаи унвон ва мавзӯи рисола** мувофиқи намунаи тасдиқшуда (дар замимаи 1 оварда шудааст) бояд пур карда шуда, аз тарафи роҳбари илмӣ, машваратчиёни илмӣ ва мудири кафедра имзо карда шавад. Номи мавзӯи рисола, ки дар варақаи унвон оварда шудааст, бояд бо номгӯи мавзӯъҳо, ки бо қарори Шӯрои олимони Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат тасдиқ карда шудаст, мувофиқат намояд.

**Асосноккунии интихоби мавзӯъ**, ин маълумот дар шакли кӯтоҳ ва мушахас оид ба мундариҷаи корҳои анҷомшуда, хулосаҳо ва пешниҳодҳо аз рӯи мавзӯъ мебошад. Вай бояд ба забони англисӣ  ва русӣ пешниҳод карда шавад. Асосноккунии интихоби мавзӯъ дар саҳифаи 2-юм пешниҳод карда мешавад ва ҳаҷми он бояд на зиёда аз 0,5 саҳифаро ташкил диҳад.

**Сарсухан**. Қабл аз ҳама таснифи мухтасари масъала, (1-3 ҷумла) ва мавқеи мавзӯи интихобшуда мушаххас дар ин масъала, ки дар чорчӯбаи он рисола иҷро шудаст оварда мешавад. Дар ин маврид оид ба вазъи кунунии иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар маълумот дода, мавзӯи интихобнамударо бо ин вазъият алоқаманд намудан лозим аст. Ҳамчунин аҳамияти амалии мавзӯъро дар ҳалли муаммоҳои иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат нишон додан лозим аст. Мақсади асосии рисолаи тахассусии хатми бакалавриро дар асоси далелҳо муайян намуда, мушахас баён намудан зарур аст.

Аз мақсади асосӣ, масъалаҳое, ки бояд онҳоро дар ин рисола таҳия намуда, ҳалли онҳоро пешниҳод намоем, номбар кардан зарур аст.

Тамоми тасдиқоти муҳим бояд бо иқтибосҳо асоснок карда шаванд. Мувофиқи талаботи стандарти нави ГОСТ Р 7.0.5-2008 намудҳои зерини иқтибосҳои библиографиро фарқ менамоянд:

- **дохилиматнӣ**, ки дар дохили матни рисола оварда мешаванд:

Масалан: [10, с. 37], [13; 26], [74, с. 16-17; 82, с. 26], [Карасик, 2002, с. 231], [Шаховский, 2008; Шейгал, 2007], [Леотович, 2007, с. 37; Слышкин, 2004, с. 35-38];

- **зерматнӣ**, ки аз дохили матн ба поёни саҳифа (ба иқтибос) гузаронида шудаанд:

Масалан:

[1]Бендиков М.А. Стратегическое планирование развития наукоемких технологий и производств. – М.: Академия, 2000.

[2]Блинов А., Никитов А. Немалые трудности малого бизнеса. // Российский экономический журнал, 1995, №2.

[3]Наука и высокие технологии России на рубеже третьего тысячелетия. / Социально экономические аспекты развития. – М.: Наука, 2001.

[4]Клейнер Г.Б., Бровер В.В. К вопросу обоснования гиперболического индекса технологической эффективности производства. // ЭММ, 1995, т. 31, вып. 1.

- **баъдиматнӣ**, ки пас аз итмоми матни рисола (ба руйхати адабиёти истифодашуда) оварда шудаанд:

Масалан:

1. Бахтин М.М. Творчество Франсуа Рабле и народная культура средневековья и Ренессанса. — 2-е изд. — М.: Худож. лит., 1990. — 543 с.
2. Борхес Х.Л. Страшный сон // Письмена Бога: сборник. — М.: Республика, 1992. — 510 с.
3. Белоус Н.А. Прагматическая реализация коммуникативных стратегий в конфликтном дискурсе // Мир лингвистики и коммуникации: электронный научный журнал. — 2006. — № 4
4. Орехов С.И. Гипертекстовый способ организации виртуальной реальности // Вестник Омского государственного педагогического университета: электронный научный журнал. — 2006
5. Панасюк А.Ю. Имидж: определение центрального понятия в имиджелогии // Академия имиджелогии. — 2004. — 26 марта [Электронный ресурс]. URL: **http://academim.org/art/pan1_2.html** (дата обращения: 17.04.2008).

Иқтибосҳо дар пай дар пай рақамгузорӣ карда шаванд. Иқтибоси якум рақами 1 бояд дошта бошад, дуввум - рақами 2 ва ҳоказо. Иқтибосҳо бояд мувофиқи талаботхои умумии стандарти нави ГОСТ Р 7.0.5-2008 оварда шаванд.

Пас аз он муҳимияти рисола асоснок карда мешавад:

а) навгонии илмӣ ва муҳимияти назариявӣ;

б) муҳимияти амалии кор.

Дар ин қисм одатан асарҳои илмии оид ба ин масъала нашргардида таҳлил карда мешаванд ва аҳамияти ва зарурати онҳо дар иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ асоснок карда мешаванд.

Бо ин мақсад, ибораи зеринро истифода намудан мумкин аст: «Вобаста ба ин, мақсади рисолаи тахассусии хатм ба таври зайл муайян карда шуд ё гузошта шуд… (мақсад бояд ягона бошад!)…»

«Барои ба даст овардани мақсад вазифаҳои зерин гузошта шуда, ҳал карда шуданд:

…; (вазифаи якум)

…: (вазифаи дуввум)

…»

(Аз ду то панҷ вазифаро қайд намудан кифоя мебошад).

Дар сарсухан муҳимияти тадқиқот асоснок карда шуда, мақсади кор ва вазифаҳои ҳалталаб пешкаш карда мешаванд.

Ҳаҷми сарсухан дар рисолаи тахассусии хатми бакалавр 1–1,5 саҳифаро дар бар гирифта метавонад.

Дар охири сарсухан тавсифи сохтори рисоларо пешкаш кардан лозим аст.

Дар боби якум асосҳои назариявии мавзӯъ ….. мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд.

Дар боби дуввум масъалаҳои …. таҳлил карда шуданд.

Дар боби сеюм …

Дар хулосаи рисолаи тахассусии хатм натиҷаҳои умумӣ оид ба … баён карда шуданд.

Ҳаҷми хулоса 2–4 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Натиҷаҳои асосии рисола** (аз ду то чаҳор боб):

Дар бобҳои рисолаи тахассусии хатм масъалаҳои гузошташуда мавриди таҳлил қарор гирифта, роҳҳои ҳалли онҳо баён карда мешаванд. Агар зарурат ба таҳлили иқтисодӣ-математикӣ пеш ояд, он бояд гузаронида шавад. Ҳар як боб бо хулосаҳо бояд анҷом ёбад, ки дар ин хулосаҳо натиҷаҳои ҳамин марҳилаи кор баён гардида, вазифаҳо ва усулҳои ҳалли онҳо дар бобҳои минбаъда мушахас мегарданд.

**Хулоса**. Дар ин қисм хулосаҳои умумии рисола пешниҳод мегарданд, ки сатҳи ҳалли муаммоҳоро нишон медиҳанд. Ин

хулосаҳо ба таври тавсияву пешниҳодот нишон дода мешаванд. Ҳаҷми он асосан 2-4 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда**. Адабиёт бо нишондоди маълумотҳои библиографӣ ба рӯйхати адабиёти истифодашуда дохил карда мешаванд. Агар дар тавзеҳот иқтибосҳо оид ба маълумоти илмӣ-оморӣ, ки барои қабули қарори мушаххас имкон медиҳанд, оварда шуда бошанд, дохилкунии сарчашмаи ибтидоӣ ба рӯйхати адабиёт ҳатмӣ мебошад (нигаред ба замимаи 3).

**Замимаҳо**. Ба замимаҳо маводҳо (ҷадвалҳо, натиҷаҳои таҷрибаҳо, ҳисобу китобҳо, нақшаҳо, чопи барномаҳо), ки хулосаҳо ва тавсияҳои рисоларо тасдиқ менамоянд, оварда мешаванд.

## 1.3. ТАРТИБИ НАВИШТАНИ ТАВЗЕҲОТ (ҚИСМИ АСОСӢ)

Тавзеҳот бояд дар принтер чоп шавад (гарнитураи Times, ҳуруфи 14). Матн дар варақи формати А4 (210x297 мм) бо фосилаи 1,5—2 бояд чоп гардад. Барои чопи ҷадвалҳо ва расмҳои калон истифодабарии қоғази формати А3 (297x420 мм) иҷозат дода мешавад.

Тарзи баёни рисолаи тахассусии хатм бояд академӣ бошад, бе истифодаи саволҳои риторикӣ, мурожиат ба хонанда ва руҷӯи лирикӣ. Сухан бояд аз номи шахси сеюм равад. Ин тавр набояд навишт: “Ман натиҷаҳои зеринро ба даст овардам:…”. Тарзи дурусти навишти ҷумлаи мазкур чунин аст: “Натиҷаҳои зерин ба даст оварда шудаанд:…”. ё ин ки: “Натиҷаҳои зерин аз тарафи муаллиф ба даст оварда шудаанд:…”. ё худ: “Натиҷаҳои зерин дар раванди кор ба даст оварда шудаанд:…”. ва ҳоказо. Дар ҳолате, ки муаллиф вазъи воқеии корҳоро дар соҳаи омӯзиш баён менамояд, замони ҳозираро бояд истифода кард. Дар ҳолате, ки сухан дар бораи натиҷаҳо аз тарафи худи муаллиф ба даст оварда шудааст - замони гузаштаро бояд истифода намуд. Масалан: “Низоми мавҷудаи идоракунии маҳаллӣ барои инкишофи механизми худидоракунӣ имкон намедиҳад. Модели нави таҳияшуда барои фаъол намудани тамоюли ҷалби аҳолӣ ба низоми худидоракунии маҳаллӣ имкон дод”.

Номгузории ҷадвалҳо, расмҳо ва схемаҳо бо фосилаи 1 (фосилаи байниҳуруфӣ) анҷом дода мешаванд. Матни асосӣ дар як тарафи варақ чоп карда мешавад ва фосилаҳои зеринро бояд дошта бошад:

- аз боло ва поён — 25 мм;
- аз тарафи рост— 10 мм;
- аз тарафи чап— 25 мм.

Фосилаи сархат(абзатс) ба 5 ҳарф баробар бояд бошад. Байни сарлавҳаи боб, савол ва матни асосӣ се фосила (интервал) ҷойи холӣ бояд бошад. Матн бо ҳарфи хурд чоп карда мешавад. Бо ҳарфи калон калимаҳои ихтисоршуда ва сарлавҳаи бобҳо, калимаҳои — "Сарсухан" ва "Хулоса" навишта мешаванд. Формулаҳои математикӣ бо истифодаи барномаи Microsoft Equation бояд навишта шаванд. Баландии шохисҳои хати боло ва хати поён, нишондиҳандаҳо ва дараҷаҳои математикӣ на кам аз 2 мм бояд бошанд.

Дар матн бояд пайдарҳами параграфҳо ва бобҳо риоя карда шавад. Рақамгузории фасл ва параграфҳо бо ҳуруфоти арабӣ, ки аз номгӯй бо нуқта ҷудо шуданд, иҷро карда мешавад. Аломати §-ро намегузоранд.

Масалан:

1. …Сарлавҳаи боби 1…

1.1. Номгӯи саволи 1

1.2. Номгӯи саволи 2

1.3. Номгӯи саволи 3

2. …Боби 2…

2.1. ……

2.2. ……

2.3. ……

ва ҳоказо

Сараввал рақами боб ва баъдан рақами тартибии саволҳои дохили боб оварда мешаванд ва рақамҳо аз ҳамдигар бо нуқта ҷудо карда мешаванд. Масъалан: 1.4. – «Саволи чаҳоруми боби якум», 3.1. – «Саволи якуми боби севум». Вақте ки саволи боб боз зерсаволро дар бар гирад, он гоҳ се рақам аз ҳамдигар бо нуқта ҷудошуда оварда мешаванд. Мисол: 2.3.1. – ҳамчун «зерсаволи якуми саволи сеюми боби дуввум» фаҳмида мешавад.

Ҳар як фасл аз саҳифаи нав оғоз меёбад. Саҳифабандӣ аз варақаи унвон то саҳифаи охир сурат мегирад. Варақаи унвон

саҳифагузорӣ намешавад. Рақами саҳифаҳо аз болои варақ дар миёна гузошта мешавад.

Замимаҳо алоҳида саҳифабандӣ карда шуда (бе аломати №), номгӯи худро доранд.

Ҳаҷми миёнаи навишти тавзеҳот (қисми асосии рисола) – 30-40 саҳифаро (бе замимаҳо) бояд дар бар гирад.

Рисолаи тахассусии хатм бояд муқовабандӣ шуда бошад ва дар папкаҳои барои рисолаҳо муқарраршуда маҳфуз бошад.

## 1.4. ТАЙЁРӢ БА ҲИМОЯИ РИСОЛАИ ТАХАССУСИИ ХАТМИ БАКАЛАВР

Рисолаи тахассусии хатм баъд аз гирифтани имзоҳои роҳбари илмӣ, машваратчиёни академӣ (дар ҳолати таъин гаштани онҳо) ва мудири кафедра дар варақаи унвон, ҳамчунин гирифтани тақризи роҳбари илмӣ ба ҳимоя роҳ дода мешавад.

Рисолаи тахассусии хатме, ки пурра иҷро шудааст ба роҳбари илмӣ 10 рӯз пеш аз ҳимоя супорида мешавад.

Ҷадвали дифои рисолаи тахассусии хатм се ҳафта пеш аз ҷаласаи кушодаи КАД ба донишҷӯён расонида мешавад.

Хангоми ҳимояи рисолаи тахассусии хатм донишҷӯ ҳуқуқ дорад аз ҷадвалҳо, графикҳо, плакатҳо, слайдҳои презентатсионӣ (ppt., pub., pdf.) ва дигар намуди воситаҳои техникӣ-таълимӣ истифода намояд.

Ҳаҷми маводи графикии намоишӣ бояд накам аз 6-8 саҳифа (плакатҳо, ҷадвалҳо, графикҳо ё слайдҳо) иборат бошад.

Ҷадвалҳо ва графикҳоро ҳамчунин дар шакли нусхаҳои саҳифаҳои тавзеҳот ба аъзоёни КАД пешниҳод намудан мумкин аст.

## 1.5. ТАШКИЛИ ҲИМОЯИ РИСОЛАИ ТАХАССУСИИ ХАТМ

Ҳимояи рисолаи тахассусии хатм марҳилаҳои зеринро дарбар мегирад:

- маълумоти котиби КАД оид ба мавзӯи рисолаи тахассусии хатм, роҳбари илмӣ, тақриздиҳандагон ва донишҷӯ (ному насаб, гурӯҳ);
- баромади донишҷӯ оид ба мазмун, мақсад ва таҳлилу хулосаҳои рисолаи тахассусии хатм (бо истифодаи ҷадвалҳо, плакатҳо, слайдҳо – то 10 дақиқа);

- ҷавоб додан ба саволҳои аъзоёни КАД (то 10 дақиқа);

- шинос намудан бо тақризи беруна ва ҷавоб додан ба саволҳои он.

- шинос шудан бо тавсияи роҳбари илмӣ.

Ҳимояи рисолаи тахассусии хатм дар ҷаласаи кушодаи КАД гузаронида шуда, иштироки роҳбари илмӣ тавсия дода мешавад.

Баҳогузорӣ ба рисолаи тахассусии хатм дар ҷаласаи пӯшидаи КАД гузаронида мешвад, ки бо талаботи КАД дар ин ҷаласа роҳбари илмӣ метавонад иштирок намояд.

Дар баҳогузории рисолаи тахассусии хатм чунин меъёрҳои умумии арзёбии рисола ба инобат гирифта мешаванд:

- асоснокии муҳимияти мавзӯи тадқиқот, мувофиқати мундариҷа ба мавзӯъ, таҳлили пурраи мавзӯъ;

- дақиқ будани сохтор ва мантиқи баёни матлаб, асоснокии методологии таҳқиқот;

- ҳаҷм ва таҳлили адабиёти илмии алоқаманд ба мавзӯи таҳқиқот;

- донистани услуби илмӣ ва босаводана баён намудани фикрҳо;

- мувофиқати  шакли рисола ба талаботе, ки  нисбат ба таълифи рисола муқаррар гардидаанд;

- дараҷаи мулоҳизаронии масъалаҳои назариявӣ ва ҷамъбасти маводи ҷамъшуда, асоснокӣ ва  саҳеҳии тасвияи хулосаҳову ҷамъбасткунӣ;

- мундариҷаи тақризҳои роҳбари илмӣ ва муқарризони беруна;

- сифати маърӯзаи шифоҳӣ дар ҷаласаи ҳимоя;

-амиқӣ ва дақиқии ҷавобҳо ба саволҳо, эродҳо ва тавсияҳои дар вақти ҳимоя  баёнгардида.

Баъд аз итмоми ҷаласаи пӯшидаи КАД, раиси КАД донишҷӯёнро бо натиҷаи қарори комиссия, баҳои рисолаи тахассусии хатм шинос намуда, тавсияҳои худро пешкаш менамояд.

Хатмкунандае, ки дар мӯҳлати муқarrаргардида рисолаи тахассусии хатмро пешниҳод накардааст ё бо қарори кафедраи пешбар барои ҳимоя иҷозат нагирифтааст, бе сабаби узрнок ба ҳимоя ҳозир нашудааст ва ё дар ҳимоя баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтааст, аз аттестатсияи ҷамъбастии давлатӣ нагузашта маҳсуб мешавад.

## 1.6. МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ МАЪРӮЗА

Дар ҷаласаи комиссияи аттестатсионии давлатӣ донишҷӯ баромад намуда, оид ба мақсад, вазифаҳо, методология ва натиҷаҳои рисолаи тахассусии хатм маъруза менамояд.

Риоя қоидаҳои зерин оид ба мазмун ва мундариҷаи маърӯза тавсия карда мешавад:

- маъруза аз баёни муҳимияти мавзӯъ дар шароити муосири иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд оғоз гардад;
- ҷумлаҳои аввали маърӯзаро азхуд намудан зарур аст, то ба бофтасозии фикру ақидаҳо ниёз пайдо нашавад;
- пас аз муҳимияти мавзӯъ, мақсади кор ва вазифаҳои ҳалталабро (чи хеле, ки дар матн оварда шудааст) баён намудан лозим аст;
- оид ба методология, усулҳои гузаронидани тадқиқот бояд сухан ронда шавад;
- ба навбат оид ба ҳалли ҳар як вазифа, асосан оид ба натиҷаҳои муҳими ба дастомада қайд намудан зарур аст;
- дар охир натиҷаҳои ба даст овардашударо дар маҷмӯъ манзур намуда, пешниҳодотро оид ба ҳалли муаммоҳои мавҷуда, бахри беҳтар кардани ҳолати рушди муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ (доир ба объект ва предмети тадқиқот) пешкаш кардан лозим аст.

*Замимаи 1*
*Намунаи варақаи унвон*

**ВАЗОРАТИ ЭНЕГЕТИКА ВА САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ СОҲИБКОРӢ ВА ХИЗМАТ**

**ФАКУЛТЕТИ БАҲИСОБГИРӢ-ИҚТИСОДӢ**

Кафедраи идоракунии
давлатӣ ва маҳаллӣ

# РИСОЛАИ ТАХАССУСИИ ХАТМИ БАКАЛАВР

## Мавзӯъ: Сармоягузории хориҷӣ ва имконоти истифодаи он дар рушди инноватсионии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе

*Иҷро кард:*
Донишҷӯи курси 4, ихтисоси 26.01.01.01.-
«Идоракунии мақомоти маҳаллӣ»,
шакли таҳсили рӯзона
**Талбов Сайолим**

_________________
(имзои донишҷӯ)

*Роҳбари илмӣ:*
Ҷумаев Уктам Мирзоёрович
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в.дотсент

*Тақриздиҳанда:*
Рабиева Тахмина
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
мудири кафедраи Маркетинг,
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Душанбе 2013

*Замимаи 2*
*Намунаи таҳияи мундариҷа*

# МУНДАРИҶА


**Сарсухан**.............................................................................. 3

**Боби 1. Нақши сармоягузорӣ дар рушди фаъолияти инноватсионӣ…** 5

*1.1. Моҳияти сармоягузорӣ ва намудҳои он . . . . . . …………………...* 5

*1.2. Зарурати рушди инноватсионии иқтисодиёт . . . . . . . . . . . . . . . .* 10

*1.3.Сармоягузорӣ ҳамчун омили асосии рушди фаъолияти инноватсионӣ……………………………………………………………* 14

**Боби 2. Сармоягузории хориҷӣ ба рушди инноватсионии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе…………………………………………………** 16

*2.1. Таҳлили рушди иқтисодиёти инноватсионии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .. . . . ...... . . . . . . . .* 16

*2.2. Баҳодиҳии иқтидори сармоягузории ноҳияи Синои шаҳри Душанбе . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .. . . . . . . . ...... . . .* 21

*2.3. Тамоюли рушди ҷараёнҳои инноватсионӣ дар заминаи сармоягузории хориҷӣ…………………... . . . . . . . . . . . . . . . .... . . . . .* 25

**Боби 3. Усулҳои истифодаи самараноки сармоягузории хориҷӣ дар рушди фаъолияти инноватсионӣ………………………………………** 30

*3.1. Сиёсати давлатии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба рушди инноватсионии кишвар………... . . . . . . . . . . . . . . . . .. . . . . . . . .* 30

*3.2. Таваккали сармоягузорӣ дар фаъолияти инноватсионӣ. . . . .* 35

*3.3. Усулҳои кам намудани сатҳи таваккали иқтисодии истифодаи сармоягузорӣ дар фаъолияти инноватсионӣ………………………...* 40

**Хулоса** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .…. 45

**Руйхати адабиёти истифодашуда** . . .. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 48

**Замимаи № 1** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . … 50

**Замимаи № 2** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . … 52

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

1. Низомнома дар бораи рисолаҳои тахассусии хатм. Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи ҶТ аз 25.11. 2011 №21/16 тасдиқ шудааст.
2. Общие требования и правила составления библиографической ссылки. Национальный стандарт РФ ГОСТ Р 7.0.5-2008.
3. Выпускная квалификационная работа (Бакалаврская работа): методические указания/С.М. Богуславская. - Оренбург: ИПК ГОУ ОГУ, 2010. - 41с.
4. Как написать диссертацию (бакалавра, магистра или кандидата наук) и какие программные средства для этого использовать. Компиляция и перевод – Сергей Лой. http://sciplore.org/blog/2010/03/02/how-to-write-a-phd-thesis/
5. Guidelines on How to Write a Bachelor Thesis. Prof. Dr. Tobias Richter. Fachbereich Wirtschaft Business School. PO Box 1826, D-54208 Trier. Germany Version: March 2010
6. A. Fink. Conducting research literature reviews: from the Internet to paper. Sage Publications, Inc, 2009.
7. Guidelines to writing a bachelor thesis. Web: http://thesistown.com/writing/basics/bachelor-thesis/
8. Chris Hart. Doing a Literature Review: Releasing the Social Science Research Imagination. SAGE Publications, 1998.

**ҶУМАЕВ У.М.**
**МИРҶАЛОЛОВА М.Ҷ.**

# ДАСТУРИ МЕТОДӢ

**оид ба иҷрои рисолаи тахассусии хатми бакалавр барои донишҷӯёни курси 4 ихтисоси 26010101 - «Идоракунии мақомоти маҳаллӣ»**

Ба нашр имзо карда шуд __. __. 2013. Ба нашр супорида шуд __. __. 2013.
Андозаи 60х84[1]/16, қоғази офсетӣ, чопи типографӣ
ҳаҷм – 1,25 ҷузъи чопӣ. Адади нашр – 100, Фармоиши №___

Дар матбаии «Сохибкор»-и
Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат нашр гардид.
734061, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5